# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ). - Душанбе, 2026.**

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди илмҳои ҷомеашиносӣ, бахусус таърихнигории миллӣ, имкониятҳои сифатан нав фароҳам овард. Дар ин марҳилаи муҳимми таърихӣ муҳаққиқони тоҷик имкон пайдо намуданд, ки таърихи халқу давлат, равандҳои муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ, инчунин таърихи кишварҳои минтақа ва ҷаҳонро бо нигоҳи тоза, дар асоси сарчашмаҳои муътамад ва аз мавқеи воқеъбинонаи илмӣ мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Маҳз дар даврони Истиқлолият таърихнигории миллӣ ба марҳилаи нави рушд ворид гардида, таҳқиқи масъалаҳои мубрам ва қаблан камомӯхташуда вусъат пайдо намуд.

Дар ин замина, омӯзиши мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» аҳаммияти вижаи илмӣ дорад. Давраи мавриди таҳқиқ яке аз марҳилаҳои мураккаб ва сарнавиштсози таърихи муосири Афғонистон буда, бо тағйироти амиқи сиёсӣ, низоъҳои мусаллаҳона, мубориза барои қудрат, зуҳур ва густариши ҳаракати «Толибон» ва таъсири рӯзафзуни омилҳои минтақавию байналмилалӣ ба вазъи кишвар тавсиф мегардад.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар диссертатсияи хеш кӯшиш намудааст, ки вазъи сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистонро дар солҳои 1992-2001 дар асоси сарчашмаҳои дахлдор ва адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор диҳад. Муаллиф масъалаи мавриди таҳқиқро дар иртиботи мутақобилаи омилҳои сиёсӣ, низомӣ ва иҷтимоӣ

баррасӣ намуда, барои муайян намудани сабабҳо ва паёмадҳои равандҳои асосии давраи мазкур талош варзидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Сохтори кор ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, масъалаҳои асосии мавзуъ дар пайдарҳамии мантиқӣ ва хронологӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Ҷанбаи муҳимми диссертатсияро боби дуюм – «Ихтилофҳо байни гурӯҳҳои сиёсию низомии исломӣ ва таъсири он ба раванди ташкили давлати мутамарказ» – ташкил медиҳад. Дар ин боб яке аз масъалаҳои калидии таърихи сиёсии Афғонистон – ихтилофҳо ва бархӯрдҳои байни гурӯҳҳои гуногуни сиёсию низомии исломӣ ва таъсири онҳо ба раванди ташаккули давлатдории мутамарказ, мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар зербобҳои боби мазкур заминаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва низомии ихтилофҳои байни гурӯҳҳои сиёсиву низомиро таҳлил намуда, нақши рақобат ва муқовимати онҳо дар заиф гардидани сохтори давлатӣ ва халалдор шудани раванди ташкили ҳокимияти мутамарказро нишон додааст. Таҳлили равандҳои мазкур имкон медиҳад, ки хусусиятҳои вазъи сиёсию низомии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 ва омилҳои асосии мушкилоти давлатсозӣ амиқтар дарк карда шаванд.

Қобили зикр аст, ки муаллиф масъалаи мазкурро танҳо дар доираи ихтилофҳои дохилӣ маҳдуд накарда, таъсири омилҳои беруна ва мавқеи қудратҳои минтақавию байналмилалиро низ ба рушди вазъи сиёсии Афғонистон ба назар гирифтааст. Аз ин ҷиҳат, муҳтавои боби дуюм бо ҳадафи умумии диссертатсия иртиботи мустақим дошта, барои ошкор намудани сабабҳо ва паёмадҳои буҳрони давлатдорӣ дар Афғонистон аҳаммияти муҳим дорад.

Дар автореферати диссертатсия мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети омӯзиш, методҳои таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, доираи хронологии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалии он ва муқаррароти асосии барои дифоъ пешниҳодшаванда ба таври возеҳ инъикос гардидаанд. Мухтавои асосии бобҳои диссертатсия низ пайдарпай ва дар асоси сарчашмаҳо баён гардида, моҳияти умумии таҳқиқотро инъикос менамояд.

Аз мазмуну мухтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф мубрамияти мавзуъ ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқотро аз лиҳози илмӣ асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши масъала ва асосҳои методологии таҳқиқотро муайян кардааст. Асарҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, сарчашмаҳои марбут ба мавзуъ омӯхта ва арзёбии илмии онҳо пешниҳод гардидааст. Муҳаққиқ дар асоси таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ масъалаҳои калидии таҳқиқотро муайян намуда, барои илман асоснок намудани хулосаҳои худ аз далелҳои муътамад истифода кардааст.

Яке аз дастовардҳои муҳимми таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» дар таърихнигории ватанӣ ба таври маҷмуӣ ва ҳамчун мавзуи мустақили диссертатсионӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ин ҳолат ба арзиши илмии кор афзуда, барои рушди таҳқиқоти таърихи муосири Афғонистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Аз баррасии автореферат бармеояд, ки диссертант дар маҷмуъ ба мақсад ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил гардидааст. Хулоса ва натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда аз мухтавои асосии таҳқиқот бармеоянд ва масъалаҳои калидии мавзуи мавриди омӯзишро фаро мегиранд. Муаллиф дар раванди таҳқиқ кӯшиш намудааст, ки на танҳо

воқеаҳои таърихиро тавсиф намояд, балки сабабҳо, омилҳо ва паёмадҳои онҳоро низ аз нигоҳи илмӣ таҳлил кунад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати кор, дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъии услубӣ, имлоӣ ва техникиро мушоҳида кардан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, чунин нуқсонҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзиши илмӣ, навгонии таҳқиқот ва хулосаҳои асосии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» таҳқиқоти мустақилона ва дорои аҳаммияти илмӣ буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 – Таърихи умумӣ) мебошад.

**Мудири кафедраи таърихи умумии**
**МДТ "ДДБ ба номи Носири Хусрав",**
**доктори илмҳои таърих, профессор: Халилзода Давлаталӣ Халил**

Имзои доктори илмҳои таърих, профессор
Халилзода Д.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МДТ "ДДБ ба номи
Носири Хусрав": Исҳоқзода М.М.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,
МДТ "ДДБ ба номи Носири Хусрав",
тел.: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53
http: // www. btsu.tj, E-mail: btsu78@ mail.ru

21. 09. 2026.